# ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ НАҚЛИЁТӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОҚИЛОНАИ БАЗАИ ИСТЕҲСОЛИИ МУАССИСАИ НАҚЛИЁТӢ-ЭКСПЕДИТСИОНӢ (ДАР МИСОЛИ ҶСК “АВТОТРАНССЕНТР”)

**МАЪРӮЗАИ ҒУЛОМОВ НОДИР ҶАМШЕДОВИЧ**

## ТАШКИЛИ СОХТОРИ ИДОРАКУНИИ ШАБАКАИ МУАССИСАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ НАҚЛИЁТӢ-ЭКСПЕДИТСИОНИИ АҲОЛӢ

**Сохтори нисбатан мақсадноки шабакаи хизматрасониҳои нақлиётӣ-экспедитсионии аҳолӣ дар зер омадааст.**



# ТЕХНОЛОГИЯИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ НАҚЛИЁТӢ-ЭКСПЕДИТСИОНИИ АҲОЛӢ ҲАНГОМИ БОРКАШОНИҲОИ БАЙНИШАҲРӢ

Дар робитаҳои байнишаҳрии боркашониҳо асосан бо воситаи нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, обӣ ва ҳавоӣ амалӣ мегардад.

Ҳамаи кашонишҳоаз рӯи вазн, ҳаҷм ва шароити кашониш ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

| | |
|---|---|
| фирист бо контейнерҳо | Кашонишҳои контейнерӣ гуфта, кашонишҳоеро меноманд, ки дар онҳо борҳо дар ҷилдҳои гуногун ва сермаротиб ҷойгир ва бо намудҳои гуногуни нақлиёт кашонида мешаванд. |
| фиристи хурди бор | Фиристи хурди бор аз рӯи ҳаҷм ва вазни муайяни боре, ки ба кашониш дода мешавад, тавсиф дода мешавад. Дар нақлиёти автомобилӣ фиристи хурди бор ҳамон қисмати боре, ки бо як борхат ва вазни то 2 тонна (бо ишғоли ками ғунҷоиши бордони нақлиёт) кашонида мешавад, меноманд. |
| бағоҷ | Бағоҷ гуфта, анҷом ва ашёи мусофирро меноманд, ки аз рӯи андоза, ҷилд хусусияти худ имкони дар вагонҳои бағоҷӣ, автобусҳо, теплоходҳо, тайёраҳо бо чиптаи сафари мусофир бе пардохти иловагии маблағ ё пардоти маблағи тарофавии бағоҷӣ бурданро дорад. |
| борбағоҷ | Борбағоҷ гуфта, борҳо, инчунин лавозимоти хонагӣ, ки аз рӯи андоза, ҷилд хусусияти худ имкони дар вагонҳои бағоҷӣ, автобусҳо, теплоходҳо, тайёраҳо ба номи суроғаҳои муайян аз рӯи тарофаи борбағоҷ кашонида мешавад, меноманд. |

## ТАШКИЛИ ИНТИҚОЛИ СЕМЕНТ ТАРИҚИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

Азбаски ҶСК "Автотранссентр" асосан бо интиқоли семент машғул аст, мо доир ба ин бор маълумот медиҳем.

Семент маводи маъмули сохтмонӣ мебошад.

Хусусиятҳои махсуси ин намуди бор дар он аст, ки шароити ба худ хоси нигаҳдорӣ, интиқол ва боркунию борфарориро талаб менамояд:

пошхӯрии осон (сабук) ва сайлонияти зиёд дар ҳолати хушк будани он бори чанголуд ба ҳисоб меравад

вайрон шудани он ҳангоми омилҳои нақлиётӣ

абразивнокии чанги он (қобилияти баланди судашавӣ ҳангоми соиш), ки шароити зараровари меҳнатро ба вуҷуд меорад

тағйирёбии зичии семент вобаста ба намӣ ва тарзи интиқол

қобилияти сахтшавӣ ва бавуҷудоварии равоқҳо

Семент бо тарзи ҷилднок (дар халтаҳо) ва беҷилд интиқол мешавад.

Ҳангоми ташкили тарзи ҷилдноки ҳамлу нақл семент дар автомобилҳои таъйиноти умумидошта интиқол мешавад. Дар мавриди истифодаи тарзи беҷилди ҳамлу нақл семент дар автомобилҳои махсусгардонидашудаи автомобил – систернаҳо интиқол мешавад. Истифодаи автомобил – систернаҳо имконияти механиконии маҷмӯавии раванди нақлиётии ҳамлу нақлро фароҳам меоварад:

-боиси баландшавии дараҷаи истифодаи таркиби ҳаракаткунанда ва васоили боркунанда мегардад;

-ба камшавии меҳнатталабии коркарди наҷлиётӣ-анбории бор ва пастшавии арзиши аслии боркашонӣ имкон медиҳад.

# ТАҲЛИЛИ СОХТОРИ ПАРКИ АВТОМОБИЛИИ ҶСК «АВТОТРАНССЕНТР»

Парки таркиби ҳаракаткунанда гуфта, шумораи умумии таркиби ҳаракаткунандаи муассисаро меноманд ва он автомобилҳо, автобусҳо, микроавтобусҳо, автомобилҳои сабукрави таксӣ, ядакмошинҳо, кӯшва ва нимкӯшаҳои ба ҳисоби муассиса дохилшаванда мебошанд.

Дар ҷамъият автомобилҳои боркаши гуногун амал мекунанд, ки бо боркашонӣ машғуланд.

Боиси қайд аст, ки воситаҳои нақлиёти муассиса бо сӯзишвории дизелӣ фаъолият мекунанд.

Аз рӯйи таҳлили пешакӣ ҳолати парки автомобилии ҶСК «Автотранссентр» чунин аст.

Таҳлил аз рӯйи ҳолати коршоямии воситаи нақлиёт:

| № | Ҳолати воситаи нақлиёт | Шумора | Фоиз |
|---|---|---|---|
| 1 | Коршоям | 14 | 41,1 |
| 2 | Корношоям (аз эътибор соқитшуда) | 9 | 26,5 |
| 3 | Қисман корношоям | 11 | 32,4 |
| | ҲАМАГИ | 34 | 100 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки шумораи умумии воситаи нақлиёти парки муассиса аз 34 адад автомобилҳо иборат аст. Аз ин шумора 14 адади он (41,1%) коршоям, 9 адад (26,5%) – корношоям (аз эътибор соқитшуда) ва 11 адад (32,4%) қисман корношоям мебошанд. Дар таҳлили оянда 25 адади воситаи нақлиёт баррасӣ мешавад.

Таҳлил аз рӯйи тамғаи нақлиёт:

| № | Тамғаи нақлиёт | Шумора | Фоиз |
|---|---|---|---|
| 1 | КамАЗ-5511 | 5 | 20 |
| 2 | КамАз-5320 | 3 | 12 |
| 3 | КамАз-5410-ТЦ-11 | 12 | 48 |
| 4 | МАН | 5 | 20 |
| | ҲАМАГИ | 25 | 100 |

Таҳлил аз рӯйи тамғаи нақлиёт нишон медиҳад, ки аз 25 адад нақлиёти парки муассиса 5 адад ё 20%-ашро автомобилҳои тамғаи КамАЗ-5511, 3 адад ё 12%-ашро КамАЗ-5320, 12 адад ё 48%-ашро тамғаи КамАз-5410-ТЦ-11 ва 5 адад ё 20%-ашро тамғаи МАН ташкил медиҳанд.

Таҳлил аз рӯйи иқтидори борбардории автомобилҳо:

| № | Иқтидори борбардорӣ, т | Шумора | Фоиз |
|---|---|---|---|
| 1 | 15 тонна | 5 | 20 |
| 2 | 13 тонна | 15 | 60 |
| 3 | 10 тонна | 5 | 20 |
| | ҲАМАГИ | 25 | 100 |

Таҳлил аз рӯйи иқтидори борбардории таркиби ҳаракаткунандаи муассиса нишон медиҳад, ки 5 адади нақлиёт (20%) 15 тонна (асосан автомобилҳои тамғаи МАН), 15 адад (60%) 13 тонна ва 5 адади нақлиёт (20%) 10 тонна (асосан автомобилҳои тамғаи КамАЗ-5320) иқтидори борбардорӣ доранд

## ИНТИХОБИ ТАРКИБИ ҲАРАКАТКУНАНДАИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

Интихоби таркиби харакат кунандаи наклиёти автомибили метавонад аз руи чор меъёри зерин сурат мегирад:

Маҳсулнокии автомобил

Арзиши аслии боркашонӣ

Фоиданокии боркашонӣ

Харочоти овардашудаи нақлиётӣ

Маҳсулнокӣ ва фоиданокӣ бояд максималӣ, арзиши аслии боркашонӣ ва харочоти овардашуда бояд минамалӣ бошад.

# БАЗАИ ИСТЕҲСОЛИИ МУАССИСАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ НАҚЛИЁТӢ-ЭКСПЕДИТСИОНИИ АҲОЛӢ

Барои иҷрои хизматҳои нақлиётӣ-экспедитсионӣ ва таъмини босифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ муассиса бояд базаи истеҳсолии заруриро дошта бошад.

Базаи истеҳсолии муассиса аз биноҳои истеҳсолӣ ва иншооти муассиса, дастгоҳҳои агентиҳои нақлиётӣ, нуқтаҳои қабули супоришот, сеххои чилдпӯшӣ ва банду баст, анборҳо, таркиби ҳаракаткунандаи нақлиёти автомобилӣ, таваққуфгоҳҳои автомобилӣ ва таҷҳизоти нигоҳдории онҳо, воситаҳои механиконӣ ва алоқа иборат аст.

Дар бинои муассисаҳои вилоятӣ ҷойгир карда мешаванд: дастгоҳи идоракунии муассисаи нақлиётӣ-экспедитсионӣ ва агентиҳои нақлиётии шаҳрӣ, толорҳои амалиётӣ, почта, телеграф, хазинаи амонатгузорӣ, бюрои маълумотдиҳӣ, дӯконҳо барои фурӯши газетаю журнал ва савғотиҳо, камераи ҳифзу нигоҳдории бор, меҳмонхона барои мусофирони транзитӣ, ошхона, шабакаи радио ва телетайпӣ, танзимгарӣ ва дигар иншоот.

Дар назди ҳар як муассисаи вилоятӣ шуъбачаҳои чилдпӯшию бандубасти борҳо, ки дар бинои алоҳидаи наздикии роҳҳои робитаи роҳи оҳан ва дигар шоҳроҳҳо ҷойгиранд, мавҷуд мебошанд.

Дар биноҳои ноҳиявӣ бошад, ҷойгир карда мешаванд: биноҳои истеҳсолӣ ва хизматии агентиҳои нақлиётӣ, толорҳои амалиётӣ, иншооти чилдпӯшию бандубаст ва анборҳо, ҳуҷраҳо барои истироҳати мусофирони транзитӣ дар биноҳои ноҳиявии категорияи I, иншооти телетайпӣ, танзимгарӣ ва ғайраҳо.

Толори агентиҳои нақлиётӣ воҳиди асосии истеҳсолии ташкили хизматрсониҳои нақлиётӣ-экспедитсионии аҳолӣ буда, дорои чунин имконот аст:

-ҷойи корӣ барои кормандони агентӣ – хазинадорони фурӯши чиптаҳои сафар, хазинадорони молу маҳсулот, ки боркашониҳои байналхалқиро ба расмият медароранд, агентҳои қабулкунандаи фармоиш барои кашонидани гуногуни борҳо ва дигар кормандон;

-ҷойҳои инфиродии таҷҳизонидашуда барои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои фармоишгарон;

-ороиши бинои дохилӣ бо маводи пурсишӣ-ахборотӣ, рекламавӣ ва ғайраҳо.

Нуқтаҳои қабули супоришот зерсохтори минтақавии мустақили агентии нақлиётӣ буда, вобаста ба макони ҷойгиршавӣ ва таъйинот таҷҳизонида мешаванд.

Ҷойи кории хазинадорон, агентҳо ва танзимгарон бо ҳуҷраҳои махсус, ки бо тартиби муайян ва паҳлӯ ба паҳлӯ, мувофиқи гуруҳ ё вобаста ба тарҳи толори бинои истеҳсолӣ ҷойгиранд, таҷҳизонида мешавад.

Ҷойи кории кормандони агентиҳои нақлиётӣ ва нуқтаҳои қабули супоришот бояд чунон таҷҳизонида шуда бошад, ки барои барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, гузаронидани амалиёти ҳисобии пулӣ бо фармоишгарон ва монанди инҳо қулай ва имкони амалӣ намудани тамоми корҳо бо воситаҳои зарурӣ (ҳуҷраи корӣ, миз, сейф, воситаҳои алоқа, оргтехника) мавҷуд бошад.

# БЕҲДОШТИ РАВАНДИ НАҚЛИЁТӢ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ НАҚЛИЁТӢ-ЭКСПЕДИТСИОНӢ

Раванди нақлиётӣ бо раванди истеҳсолии хизматрасонии идорот дар марҳилаҳо, аввалию интиҳоии он ҳангоми таъмини моддӣ-техникии муассиса ва хизматрасонӣ сахт ба ҳам пайванд аст.

Сайрхати интиқоли бор – “Заводи сементбарорӣ – ш. Турсунзода” интихоб гардидааст, ки ҳаҷми солонаи боркашонӣ 25,5 ҳазор тонна аст. Намуди бори кашонидашаванда – семент.

Пешниҳод: Истифодаи намуди нақлиёти тамғаи КамАЗ-5320 ба ҷойи тамғаи КамАЗ-ТЦ-11.

Ҳисоби НТИ-и асосии кори автомобил дар сайрхати «Заводи сементбарорӣ – ш. Турсунзода»

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Формулаҳо барои ҳисоб | Қимати нишондиҳандаҳо | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | то татбиқ | баъди татб. |
| 1 | Ҳаҷми шабонарӯ-зии боркашонӣ | тонна | $G=G_{год}/Д_{р}$ | 100,0 | 100,0 |
| 2 | Шумораи раҳҳо | адад | $Z=G/q$ | 6,8 | 10,0 |
| 3 | Вақти як гардиш | соат | $t_e=(2*L/V_t)+t_{п-р}$ | 6,2 | 5,5 |
| 4 | Вақт барои гашти нулӣ | соат | $t_0=L_0/V_0$ | 0,23 | 0,23 |
| 5 | Вақти дар роҳ сарфшаванда | соат | $T_M=T_H-t_0$ | 11,77 | 11,77 |
| 6 | Шумораи раҳҳои ҳаракат дар як рӯз | адад | $N_e=T_M/t_e$ | 1,898 | 2,127 |
| 7 | Теъдоди зарурии нақлиёт | адад | $N_a=Z/N_e$ | 3,584 | 4,703 |
| 8 | Гашти миёнаи шабонарӯзӣ | км | $L_{об}=(2*N_e*L_M+L_0)*N_a$ | 909,4 | 1332,9 |
| 9 | Гашти борнок | км | $L_{гр}=N_e*L_{гр}*N_a$ | 442,2 | 650,0 |
| 10 | Коэффитсиенти истифодаи гашт | | $\beta=L_{гр}/L_{об}$ | 0,486 | 0,488 |
| 11 | Маҳсулнокӣ бо ҳисоби тонна | ҳаз. тонна | $W_Q=(T_H*q*\beta*\gamma*Vt)/(L_{ег}+V_T*\beta*t_{п-р})$ | 27,8 | 21,3 |
| 12 | Маҳсулнокӣ бо тонна-километр | ҳаз.т-км | $W_P=W_Q*L_{ег}$ | 1806,4 | 1382,2 |
| 13 | Интервали ҳаракат | соат | $I=t_e/N_a$ | 1,7 | 1,2 |
| 14 | Зудии ҳаракат | авт./соат | $Ч=1/I$ | 0,6 | 0,8 |

Аз ҳисоб бармеояд, ки гашти миёнаи шабонарӯзӣ ва гашти борнок меафзояд.

# ҲИСОБИ САМАРАИ ИҚТИСОДӢ АЗ ТАТБИҚИ ЧОРАБИНИҲО ДАР САЙРХАТИ «ЗАВОДИ СЕМЕНТБАРОРӢ – Ш. ТУРСУНЗОДА»

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Формулаҳо барои ҳисоб ва ишораҳои шартӣ | Қимати нишонди-ҳандаҳо | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | то пешн. | пас аз пешн. |
| 1 | Музди меҳнати ронандагон бо ҳисоби ФҲИА, 25% | ҳаз. сомонӣ | $\text{ЗП}=(G*\text{Р}_\text{т}+\text{Р}*\text{Р}_\text{ткм})*\text{К}_\text{пр}*\text{К}_\text{д}*\text{К}_\text{фсз}$ | 196,5 | 223,2 |
| 2 | Хароҷоти сӯзишворӣ | ҳаз. сомонӣ | $\text{Р}_\text{т}=(N_t*L/100+N_\text{ткм}*\text{Р}_\text{ткм})*1{,}023*\text{Ц}_\text{т}*\text{К}_\text{п}$ | 899,0 | 962,7 |
| 3 | Хароҷоти равғанҳои молиданӣ ва дигар хароҷоти истифодабарӣ | ҳаз. сомонӣ | $\text{Р}_\text{см}=(\text{Р}_\text{т}/\text{Ц}_\text{т})*0{,}037*\text{Ц}_\text{см}$ | 62,4 | 66,8 |
| 4 | Хароҷоти хизматрасонии техникӣ ва таъмири нақлиёт | ҳаз. сомонӣ | $\text{Э}_\text{то}=N_\text{то}*L*\text{Ц}_\text{а}*\text{К}_\text{а}/100**1000$ | 222,3 | 184,3 |
| 5 | Хӯрдашавӣ ва таъмири шинаҳо | ҳаз. сомонӣ | $\text{И}_\text{ш}=N_\text{ш}*\text{К}_\text{ш}*L*\text{К}*\text{Ц}_\text{ш}/100*1000$ | 78,8 | 80,3 |
| 6 | Хароҷоти амортизатсионӣ | ҳаз. сомонӣ | $\text{А}_\text{п}=\text{Ц}_\text{а}*N_\text{а}*l/100*1000$ | 10,5 | 10,6 |
| 7 | Хароҷоти иловагӣ, 20% | ҳаз. сомонӣ | | 293,9 | 305,6 |
| | Хароҷоти умумӣ | ҳаз. сомонӣ | | 1763,2 | 1833,4 |
| 8 | Самараи иқтисодӣ аз ихтисори хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда | ҳаз. сомонӣ | $\text{Э}_{\text{э}1}=\text{Р}_\text{д}-\text{Р}_\text{п}$ | | -70,14 |
| 9 | Хароҷоти иловагӣ барои ҷилдкунии семент | ҳаз. сомонӣ | $\text{Д}_\text{з}$ | 255,0 | |
| 10 | Хароҷоти иловагӣ барои боркунию борфарории семент | ҳаз. сомонӣ | $\text{Д}_\text{з}$ | | 128,0 |
| | Ҳамагӣ | ҳаз. сомонӣ | | 2018,3 | 1961,4 |
| | Самараи иқтисодӣ | ҳаз. сомонӣ | $\text{Э}_\text{з}=\text{П}+\text{Э}_{\text{э}1}$ | | 56,9 |

Ҳисоб нишон медиҳад, ки хароҷоти умумӣ дар сайрхат ба 2018,3 ҳазор сомонӣ баробар аст. Дар натиҷа самараи иқтисодӣ аз ихтисори хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда ба 56,9 ҳазор сомонӣ баробар мешавад.

**Дар боби ҳифзи меҳнат доир ба таъмини бехатарии интиқоли борҳо тариқи нақлиёти автомобилӣ масъалагузорӣ шуд.**

**МАЪРӮЗА БА ОХИР РАСИД, БА ДИҚҚАТАТОН ТАШАККУР!**